**ХУЛОСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-055**
**ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМ**

Парвандаи аттестатсионии №1

Хулосаи шӯрои диссертатсионӣ аз 14.03.2020, суратҷаласаи №9 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Аҳмадов Фараҳманд Муфазалович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор санаи 23.11.2019, суратмаҷлиси №1 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055, дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.), ки он дар асоси фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2019 таҳти №166 ташкил гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Унвонҷӯ Аҳмадов Фараҳманд Муфазалович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 феврали соли 1986 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст. Соли 2004 ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ба факултети баҳисобгирию иқтисодӣ, ихтисоси омор дохил шуда соли 2009 бо дипломи аъло онро хатм намудааст. Аз соли 2009 то ҳол ба ҳайси ассистент дар кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Тӯли солҳои 2013-2017 дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯӣ таҳсил намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Барфиев Қобилҷон Хушвахтович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Амонова Дилбар Субҳоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

**Буриева Мастура Чориевна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, Абдураҳмонова М.З. навишта шудааст, дар ҷаласаи кафедраи "Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит"-и Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи Давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд, аз 30 январи соли 2020, суратҷаласаи № 6 баррасӣ гардида, аз тарафи раисикунандаи ҷаласа н.и.и., дотсент Содиқова Г.И. имзо гардида, аз тарафи директори Донишкада номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимӣ Р.Л. аз 4 феврали соли 2020 тасдиқ шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Аҳмадов Фараҳманд Муфазалович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмию таҳқиқотии мустақили ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботҳои КОА–назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12. – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пурра мувофиқат карда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршуда пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

**Рӯйхати корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Статистическое изучение возраста и продолжительности жизни населения // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2011. – №10 (74). – С.102-104. (0,2 п.л.).

2. Тенденция развития демографических процессов и изменение окружающей среды // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – 2015.– №2/3 (165). – С.35-38. (0,25 п.л.) (в соавторстве, автором 0,15 п.л.).

3. Механизмы совершенствования формирования и распределения доходов населения в условиях рыночных отношений // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии, научный журнал.– №12 (ч.13). – 2017. – С. 1573-1577. (0,3 п.л.) (в соавторстве, автором 0,15 п.л.).

4. Статистический анализ трудовых ресурсов Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета / Серия экономических наук. – 2019. – №4. (ч.1). – С.164-167. (0,25 п.л.) (в соавторстве, автором 0,15 п.л.).

5. Баҳодиҳии омории нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ ва хусусиятҳои ҳисоби шохиси рушди неруи инсонӣ дар шароити муосири

6. Характеристика современной демографической ситуации и тенденция её изменения в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистана. – Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. № 3. – С.112-120. (0,4 п.л.) (в соавторстве, автором 0,15 п.л.).

7. Таҷрибаи баъзе аз кишварҳо дар арзёбии нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – № 3 (66) – С.65-71. (0,44 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

8. Таҳқиқи омории таъсири раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба сатҳи зиндагии аҳолӣ // Кишоварз. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. – 2019. -№ 3 (83). – С.131-137. (0,44 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

9. Таҳлили омории сохтори хароҷоти аҳолӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосии сатҳи зиндагии аҳолӣ // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2019. – № 4 (67) – С.105-111. (0,44 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

**Б) Дар дигар нашрияҳо:**

10. Омӯзиши динамикаи даромад ва хароҷоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Мукаммалгардонии механизми пулию қарзӣ дар шароити муосир: маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе 16 июни соли 2012). – Душанбе, 2012.– С.211-214. (0,25 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

11. Рушди нишондиҳандаҳои демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба муҳити атроф // Омори муосир ва нақши он дар идоракунии равандҳои демографӣ: проблема ва дурнамо: маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 22-23 ноябри соли 2013.) – Душанбе, 2013.– С. 67-69. (0,2 ҷ.ч.).

12. Назаре ба вазъи даромаду хароҷот ва истеъмолоти аҳолӣ // Омори муосир ва нақши он дар идоракунии равандҳои демографӣ: проблема ва дурнамо: маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 22-23 ноябри соли 2013). – Душанбе, 2013. – С. 78-81. (0,25 ҷ.ч.).

13. Сатҳи зиндагии аҳолӣ – оинаи иқтисод // Муаммоҳои коркардабарой ва амалисозии стандартҳои миллӣ мутобиқи СБҲМ: маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 19-20 декабри соли 2014.) – Душанбе, 2014.– С. 283-285. (0,2 ҷ.ч.).

14. Тамоюли тағйирёбии равандҳои демографӣ ва алоқамандии онҳо бо дигар равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ // «Илм ва фановарӣ»:

маводи маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2015. – С. 28-33. (0,4 ҷ.ч.).

15. Таъсири бозори меҳнат ва нишондиҳандаҳои он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ // Моделсозии равандҳои иқтисоди ва технологияи иттилоотии муосир: маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 27-28 ноябри соли 2015) – Душанбе, 2015. – С. 178-182. (0,3 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

16. Баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ // Идоракунии рӯшди захираҳои инсонӣ дар шароити муосир: Консепсияҳо, тамоюлҳо ва таҳдидҳо: маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 27 октябри 2016.) – Душанбе, 2016. – С. 241-246. (0,4 ҷ.ч.).

17. Усулҳои омории таҳлили нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ // Масоили баҳисобгирӣ, таҳлил, аудит, омор, кибернетикаи иқтисодӣ дар шароити рушди иноватсионии иқтисод: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 5-6 майи соли 2017.) – Душанбе, 2017.– С. 15-18. (0,25 ҷ.ч.).

18. Ҷалби инвеститсия ҳамчун омили беҳтаршавии сатҳи зиндагии аҳолӣ // Баъзе муаммоҳои моделсозӣ дар илмҳои иқтисодӣ ва табиӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 25-майи соли 2018.) – Душанбе, 2018. – С. 66-70. (0,3 ҷ.ч.) (аз муаллиф 0,15 ҷ.ч.).

19. Баҳодиҳии омории нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ // Муаммоҳои гузариш ба НҲМ ва амалисозии методологияи ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои оморӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (ш.Душанбе, 10 апрели соли 2019.) – С. 55-60. (0,4 ҷ.ч.).

20. Аҳмадов Ф.М. Хусусиятҳои ҳисоби шохиси рушди неруи инсонӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон // Муаммоҳои гузариш ба НҲМ ва амалисозии методологияи ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои оморӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (ш.Душанбе, 10 апрели соли 2019.) – Душанбе, С. 66-69. (0,25 ҷ.ч.).

**Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Нурализода А.Н.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети “Молия ва қарз”- и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- дар таҳқиқоти илмӣ таъсири интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ ба беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолӣ муайян гардидааст (саҳифаи 20), лекин мақсади истифодабарии ин маблағҳо дар хоҷагиҳои хонавода шарҳ дода нашудааст;

- дар автореферат сохтори даромадҳои хонаводаҳо дар сатҳи деҳот, шаҳр ва тамоми хонаводаҳо дар ҷадвали 2, 3, 5, 7, диаграммаи 1

ва 2 таҳлил гардидааст, аммо хуб мешуд, ки таҳлили даромаднокӣ аз рӯйи синну сол, шумораи гирандагони даромад, шумораи аъзоёни оила таҳқиқ мегардид;

- дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад, ки барои бартараф намудани онҳо таҳрири дақиқ тавсия дода мешавад.

2. Саидова М.Ҳ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети тиҷорат ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- дар саҳифаи 11, ҷадвали 1 омилҳои муайянкунандаи динамикаи сатҳи зиндагии аҳолӣ пешниҳод гардидаанд, лекин оид ба омилҳои сиёсӣ аз ҷумла, озодӣ дар баёни фикру ақидаҳо, ҷинояткорӣ дар автореферат маълумот пешниҳод нагардидааст;

- нишондиҳандаи сатҳи камбизотии аҳолӣ дар автореферат кам таҳлил гаштааст, ҳол он ки камбизоатии аҳолӣ аз ҳолати сатҳи зиндагии аҳолӣ дарак медиҳад.

3. Қодиров Ш.Ш. – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири бахши “Рушди инсон”-и Институти иқтисод ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- дар саҳифаи 11 ҷадвали 1 ва нақшаи 1 саҳифаи 19 муаллиф омилҳои муайянкунандаи динамикаи сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъсиррасонандаро пешниҳод намудааст, ки қисман аз ҳамдигар фарқ доранд. Хуб мешуд, агар омилҳои пешниҳодгардида муттаҳид карда мешуданд;

- дар саҳифаи 16, ҷадвали 4 сохтори даромадҳои хоҷагиҳои хонавода бо истифода аз нишондиҳандаҳои оморӣ пешниҳод гардидаанд, лекин шарҳи илмии натиҷаи таҳқиқот кам оварда шудааст.

4. Мелисова С.А. –номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи “Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит”-и Академияи идораи байналмилалии ҳуқуқ, молия ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон бо чунин эрод:

- дар автореферат таъсири сатҳи зиндагии аҳолӣ ба давомнокии ҳаёт ва сатҳи таҳсилоти аҳолии мамлакат таҷассум наёфтааст.

5. Солиев Н.Н. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори бахши тадқиқоти илмии “Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ”-и Бонки миллии Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

- дар саҳифаи 12, ҷадвали 2 маълумотҳо оид ба қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт оварда шудаанд, аммо ин ҳолат муфассал таҳлил карда нашудаанд. Хуб мешуд, ки таъсири нишондиҳандаҳои бозори меҳнат бештар мавриди омӯзиши оморӣ қарор

дода мешуд, чунки дар шароити муосир таъсири онҳо ба беҳдошти сатҳи зиндагӣ назаррас мебошад

- дар саҳифаи 20-уми автореферат муаллиф қайд намудааст, ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ омили демографӣ низ таъсир мерасонад ва таҳлилҳо оварда шудаанд. Бояд дар назар дошт, ки таъсири омилҳои демографӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври мухталиф ба назар мерасанд, ки дар автореферат ин хусусият ифода наёфтаанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо дарназардошти ризоияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24 октябри соли 2019 таҳти № 286) ва пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқоти вобаста ба таҳлили иқтисодӣ-омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти иҷронамуда аз ҷониби унвонҷӯ:**

- **ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ** ва ташкилии омӯзиши иқтисодӣ-омории сатҳи зиндагии аҳолӣ омӯхта шуда, шарҳи муаллифии илман асосноккардашудаи мафҳуми сатҳи зиндагии аҳолӣ муайян гардида, низоми нишондиҳандаҳои оморӣ, ки барои арзёбии тавсифи миқдории сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода мегарданд, пешниҳод карда шуда аст;
- **ошкор карда шудааст**, ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ на танҳо омили даромадҳои пулӣ таъсир мерасонанд, балки он аз омилҳое, ба монанди “замин”, “об” ва дигарҳо, ки мавриди истифодаи бештари аҳолӣ қарор доранд, вобастагӣ дорад. Дар рафти таҳлили омории нишондиҳандаҳои дараҷаи байналмилалии сатҳи зиндагии аҳолӣ ба монанди индекси рушди неруи инсонӣ (ИРНИ), сатҳи таҳсилот ва музди меҳнати миёна муайян гардид, ки дар болоравии бузургии **ИРНИ** таъсири омили иҷтимоӣ, яъне дарозумрии эҳтимолӣ ва сатҳи таҳсилот бештар аст. Барои баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ нишондиҳандаҳои маҷмӯии баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ пешниҳод карда шудааст;
- **дар заминаи** фарогирии 400 хоҷагии хонавода бо эҳтимолияти 95%, таҳқиқоти интихобии омории хоҷагиҳои хонавода аз ҷониби муаллиф гузаронида шуда, бо истифода аз барномаи SPSS коркард ва таҳлили натиҷаҳо ба роҳ монда шудааст;

- **таҳлили** омории сохтори буҷаи хоҷагиҳои хонаводаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷойгиршавиашон дар деҳот ва шаҳр гузаронида шуда, тамоюли тағйирёбии тафовути нишондиҳандаҳо ва сарчашмаҳои нави даромад дар хоҷагиҳо ошкор гардида аст. Муайян карда шудааст, ки коэффитсиенти Лоренс ва Джини ҷабҳаҳои гуногуни сатҳи зиндагии аҳолиро дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат нагирифта, сатҳи нобаробарии даромадҳоро дар ҷомеа пурра баҳогузорӣ намекунанд;

- **собит гардидааст**, ки байни хароҷоти аҳолӣ ва сатҳи камбизоатии аҳолии деҳот ва шаҳр алоқамандии мутаносибан чаппа ҷой дорад. Яъне баробари коҳиш ёфтани нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ сатҳи хароҷот ба маҳсулоти озуқа кам гардида, мувофиқан ҳиссаи хароҷот ба маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасониҳо меафзояд, ки дар натиҷа ба тағйир ёфтани рафтори истеъмолкунанда ва сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад;

- **маҷмӯи шароит ва омилҳое**, ки ба сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мухталиф мерасонанд ошкор шуда, исбот карда шудааст, ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ–фарҳангӣ, сиёсӣ, экологӣ-географӣ ва демографӣ таъсир мерасонад;

- **таҳлили иқтисодӣ**-омории маблағи интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ гузаронида шуда, собит карда шудааст, ки алоқамандии зич байни сатҳи камбизоатӣ ва интиқоли маблағи муҳоҷирон мавҷуд аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **асосҳои назариявию методии** таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, нишондиҳандаҳои воқеии ба сатҳи зиндагӣ бештар таъсиррасон муайян ва пешниҳод гардидаанд. Бо мақсади асосноккунии тавсияҳо таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва минтақа таҳлил гардидааст. Ҳамзамон асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла оморшиносони хориҷию ватанӣ, ки ба таҳлили омории сатҳи зиндагии аҳолӣ ва омӯзиши нишондиҳандаҳои он машғул шудаанд, омӯхта шудааст.

- **вобаста ба предмети таҳқиқот** усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, монографӣ, моделҳои риёзӣ-иқтисодӣ, усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии сохторӣ, усулҳои баҳодиҳии омории тафовут дар сатҳи даромад ва хароҷоти аҳолӣ, усулҳои омории баҳодиҳии нобаробарии иҷтимоӣ ва барномаҳои муосири омории коркард ва таҳлили маълумотҳо ба монанди SPSS, Excel истифода шудаанд.

- **асоснок шудааст, *ки*** баробари гузариши иқтисодиёти миллӣ ба муносибатҳои бозорӣ, талаботи истеҳсолӣ ва истеъмолии аҳолӣ тағйир меёбад ва дар ин замина шарҳи муаллифии сатҳи зиндагии аҳолиро дар чунин шарҳ маънидод намудааст: «Сатҳи зиндагии аҳолӣ мафҳуми иҷтимоиву иқтисодиест, ки дараҷаи қонеъгардонии талаботҳои истеъмолӣ ва ғайри истеъмолии аҳолиро бо маҷмӯи мол, хизмат ва неъматҳои моддию маънавии соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, экологиро таҷассум намуда, дар ҳар давраи гузариши иҷтимоиву иқтисодӣ низоми нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи он вобаста ба фазо ва вақт мунтазам тағйир меёбад».

**Исбот карда шудааст, ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ** нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ, экологӣ-географӣ ва демографӣ таъсир мерасонанд ва дараҷаи таъсироти онҳо муайян карда шудааст.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- **муқаррароти асосӣ** ва натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотнома оид ба татбиқ аз 06 январи соли 2020, №01 ш. Душанбе, инчунин дар ҷараёни таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2020 аз фанҳои “Омори иҷтимоӣ”, “Омори иқтисодӣ”, “Демография”, “Муҳоҷиратшиносӣ”, “Омори бозори меҳнат”, “Омори аҳолихалқӣ”, “Омори нерӯи миллӣ” ва “Низоми ҳисобҳои миллӣ” барои ихтисосҳои иқтисодӣ мавриди тадбиқ қарор дода шудаанд.

-**Натиҷаҳои** таҳқиқоти методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун базаи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳо, коркард ва такмилдиҳии механизмҳои арзёбӣ ва идоракунии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонад. Дар амалия, хусусан, дар низоми коркарди маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсатҳои шаҳру ноҳияҳои он барои арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ кӯмак мекунад. Тавсияҳои амалӣ-назариявӣ барои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва институтҳои муҳими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба арзёбии сатҳи зиндагии аҳолӣ хело муҳим мебошад.

**Арзёбии саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор менамояд, ки:**

- **назария** дар асоси муқаррароти эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти таҳлили иқтисодӣ-омории сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла оморшиносони хориҷию

ватанӣ, ки ба таҳлили омории сатҳи зиндагии аҳолӣ ва омӯзиши нишондиҳандаҳои он машғул шудаанд, мувофиқ мебошад.

- **назарияҳои асосӣ ва таҳлилҳо** бо маводҳои дастурҳо, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо ва стратегияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳлилии СММ, воситаҳои ахбори омма, маводи конференсияҳо, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, захираҳои иттилоотии Интернет ва ғайра асоснок шудааст.

- **истифодаи ғояи асосии диссертатсия** ба ақидаи олимони классикии соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад.

- **коркарди** тавсияҳои илмӣ оид ба рушди чораёни навоварӣ имконияти пешрафти иқтисодиро таъмин намуда, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва далелноккунии вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат буда, ҷамъбасткунӣ, мураттабсозӣ ва муайян кардани роҳҳои назариявӣ ва амалии таҳлили нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро гирифтааст;

- гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ бо мақсади муайян намудани ҳолат ва хусусиятҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ дар шаҳрҳо ва деҳот, байни аҳолии 6 ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

- натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст (санади татбиқ аз тарафи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Точики аз 06.01.2020 с. №01 ва аз 22 аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз 22.01.2020.с);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 20 корҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 6,2 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявие, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2011-2019 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

тӯли солҳои 2011-2019 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар ҷаласа 14.03.2020 шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Аҳмадов Фараҳманд Муфазалович аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор, қарор қабул намуд.

Дар рафти овоздиҳии пинҳонии шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои умумии шӯро "15"- нафар, аз ҷумла "6"- нафар доктори илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз "15"- нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор "15"- нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **С.Ф. Низомов**

**И.в. котиби илмии шӯро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент** **С.О. Мирзохонов**

**14.02.2020**